- аз таҷрибаи Туркия дар соҳаи сайёҳӣ бо роҳи ҳавасманд намудани ширкатҳо ва ташкилотҳои дахлдорро барои ҷалби онҳо самаранок истифода намоянд. Сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ, аз қабили сохтмони меҳмонхонаҳо. Дар кори тарбия кардан ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи сайёҳӣ ёрии ҳаматарафа мерасонанд. Ҷалби сармоягузорони туркӣ барои рушди соҳаи тиб ва тандурустӣ дар ҷойгиршавии чашмаҳои гарми ҷумҳурӣ ва табдил додани онҳо ба марказҳои муолиҷаи байналмилалӣ дар оянда;

- ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт, аз ҷумла тавассути: таъсиси ширкатҳои муштараки нақлиётӣ дар Тоҷикистон барои таъмини самаранокии ҳамлу нақли содиротуворид аз Тоҷикистон ба кишварҳои ҳамсоя

[2] Султанов Ш.М. Республика Таджикистан: политическое и экономическое взаимодействие с Турцией и центральноазиатскими странами, (на стыке XX и XXI веков). -М.: Изд-во РАГС, 2006. 255с.

[3] Шарофов Э.У. Торгово-экономическое сотрудничество РеспубликиТаджикистан с Турецкой Республикой в годы независимости //Вестник Таджикского национального университета. Сер. гуманитарных наук. -2011. № 3 (67). - С. 119-122.

ва дигар давлатҳо; чорабиниҳои муштарак дар Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ оид ба масъалаи самараноктар истифода бурдани қатораи контейнерии Истамбул-Алмато бо мақсади густариши ҳамлу нақли роҳи оҳан байни ду кишвар, ташкили ҳамлу нақли мусофирон тавассути автобусҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия; харидани воситаҳои нақлиёт аз Ҷумҳурии Туркия дар асоси лизинг; ташкили корхонаҳои муштараки ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ, мусоидат дар такмили ихтисоси мутахассисони нақлиёт дар Туркия;

- ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, назорати давлатии меҳнат, муҳоҷирони меҳнатӣ, шуғли аҳолӣ. Аз ҷумла, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишномаи ҳамкорӣ байни Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат ва

ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Туркия, ки 11 октябри соли 2002 дар Анқара ба имзо расида буд. Дар ин замина бо кор таъмин намудани муҳоҷирони кории тоҷик;

Барои таҳқиқ ва омӯзиши минбаъдаи ин мушкилот зарур аст: таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои Тоҷикистону Туркия бо мақсади пешниҳоди таҷрибаи мусбати онҳо барои истифодаи эҷодӣ дар кишварҳои дигар.

Ҳалли ин ва як қатор мушкилоти дигар бештар ба майлу хохиши роҳбарони давлат, идораю муассисаҳо вобаста аст. Манфиатҳои тараққиёти давлат талаб мекунад, ки тамоми имкониятҳои мавҷуда, аз ҷумла имкониятҳои кооператсия дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ васеъ истифода бурда шаванд.

## Адабиёт


1. Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество. -Душанбе: Ирфон, 2007. 204с.
2. Саидов 3. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате. Душанбе: Авеста, 2001.-80с.
3. Султанов Ш.М. Республика Таджикистан: политическое и экономическое взаимодействие с Турцией и центральноазиатскими странами, (на стыке XX и XXI веков). -М.: Изд-во РАГС, 2006. 255с.
4. Султанов Ш.М. Взаимодействие государств в системе международных отношений. Становление и перспективы развития таджикско-турецкого сотрудничества. -Анкара: Издательский холдинг «Каупак», 2005.-118с.
5. Султанов Ш.М. Взаимодействие общественных организаций в осуществлении самоуправления в трудовых коллективах. -Душанбе: Ирфон, 1991. -26с.
6. Султанов Ш.М. О некоторых вопросах внешнеэкономических связей в СНГ (на примере Республики Таджикистан) /Материалы межрегиональной научно-практической конференции РАЕН, ЦСЭИ. -Калуга: МП Перемышльская типография, 1997. -9с.
7. Султанов Ш.М. Республика Таджикистан: политическое и экономическое взаимодействие с Турцией и центральноазиатскими странами, (на стыке XX и XXI веков). -М.: Изд-во РАГС, 2006. 255с.
8. Султанов Ш.М., Султанова С.Ш. Политическое и экономическое взаимодействие Таджикистана с Россией и Турцией: интересы и перспективы. -Анкара: Издание «Буништа», 2005.-198с.
9. Турция между Европой и Азией. Итоги европеизации на исходе 20 века. -М.,2001.
10. Хайдаров Р.Д. Таджикистан в орбите глобализационных и геополитических факторов. - Душанбе: Ирфон 2005.-134с.
11. Шарипов А. Наш Президент Эмомали Разменов. Душанбе, 2006. -192с.
12. Шарифова В.Г. Литературный перевод как форма таджикско-турецких литературных связей. Душанбе: Матбуот, 2008. - 122с.
13. Шарофов Э.У. Торгово-экономическое сотрудничество РеспубликиТаджикистан с Турецкой Республикой в годы независимости //Вестник Таджикского национального университета. Сер. гуманитарных наук. -2011. № 3 (67). - С. 119-122.
14. Шарофов Э.У. Развитие культурных связей Таджикистана с Турецкой Республикой //Вестник Таджикского национального университета. Сер.гуманитарных наук. 2012. - № 3/2 (83). - С. 18-22.


## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ-СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ-INFORMATION ABOUT AUTHOR


| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Шарофов Эраҷ Умрибоевич | Шарофов Эрадж Умрибаевич | Sharofov Eraj Umribaevich |
| н.и.т., дотсент | к.и.н., доцент | Candidate of Historical Sciences Associate Professor |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикисон ба номи академик М.С. Осимӣ | Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими | Tajik technical university named after academician M.S. Osimi |
| E-mail: | | |

# ТАЪРИХИ ИЛМ ВА ТЕХНИКА- HISTORY OF SCIENCE AND TECHNOLOGY - ИСТОРИЯ НАУКИ И ТЕХНИКИ

УДК 624 (075.8)

## ТАЪРИХИ СОХТМОНИ ПУЛҲОИ АВТОМОБИЛГАРД ДАР ТОҶИКИСТОН

**О.Р. Нуманов**

Донишгоҳи техникии Тоҷикисон ба номи академик М.С. Осимӣ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи иншоотҳои нақлиётии аввалини Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад, ки асосан солҳои 1900-1960 лоиҳакашӣ ва сохта шудаанд.

***Калидвожаҳо:*** *лоиҳакашӣ, сохтмон, пул, роҳҳои автомобилгард.*

## ИСТОРИЯ СТРОИТЕЛЬСТВА АВТОМОБИЛЬНЫХ МОСТОВ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**О.Р. Нуманов**

В данной статье речь идет о первых транспортных объектах Республики Таджикистан, которые были спроектированы и построены в основном в 1900-1960 годах.

***Ключевые слова:*** *проектирование, строительство, мост, автомагистрали.*

## THE HISTORY OF THE CONSTRUCTION OF AUTOMOBILE BRIDGES IN TAJIKISTAN

**O.R. Numanov**

This article is about the first transport facilities of the Republic of Tajikistan, which were designed and built mainly in 1900-1960.

***Keywords:*** *design, construction, bridge, motorway.*

Тоҷикистон кишвари баландкӯҳи Давлатҳои муштаракулманофеъ мебошад. Масоҳати он аз ҳудудҳои Белгия, Голландия ва Люксенбург якҷоя калонтар мебошад, ки дар баландии беш аз 1000 то 2500 метр аз сатҳи бахр воқеъ гардидааст. Танҳо 7% ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро водиҳои ҳосилхез ташкил медиҳанд, ки дар онҳо қариб тамоми ҳаёти иқтисодии ҷумҳурӣ марказонида шудааст. Кӯҳҳои бероҳу касногузар водиҳоро асрҳои зиёд аз ҳам ҷудо мекарданд [1].

Лоиҳакашии роҳҳои автомобилгард ба сохтмони он алоқаи зич дорад. Вай ба андозаи афзоиши талаботи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба роҳҳои васеу ободтадриҷан инкишофу такмил ёфт.

Дар Тоҷикистон аз иншоотҳои нақлиётӣ дар солҳои 1900-1960 асосан пулҳоро месохтанд.

Соли 1928 дар назди Главдортранси тоҷик аввалин бор шӯъбаи ҷустуҷӯкунию лоиҳакашии роҳҳои автомобилгард ташкил дода шуд, аммо вай он вақт камшумор буду асосан бо кори лоиҳакашии пулҳои хурди чӯбин машғул мешуд. Солҳо мегузаштанд, шӯъба аз ҳисоби хатмкунандагони мактабҳои олӣ ва техникумҳои роҳсозии Москва, Ленинград, Саратов ва дигар шаҳрҳои Иттифоқи Советӣ бо кадрҳо таъмин мешуд.

Шӯъба соли 1942 ба идораи лоиҳакашию ҷустуҷӯкунии “Дорпроект” табдил дода шуд. Дорпроект барои роҳҳои калони автомобилгард, монанди Душанбе-Хоруғ, Душанбе-Ӯротеппа, Душанбе-Кӯрғонтеппа, Орҷоникидзеобод-Кӯлоб, Чормағзак-Ёвон, посёлкаи Қарохон Сардоров-Ёвон ва бисёр дигар ҳуҷҷатҳои лоиҳаи пулҳои асосӣ дар дарёҳои калони Тоҷикистон ба тартиб андохта шуд.

Ҷустуҷӯ кардан ва ба лоиҳа гирифтани роҳи автомобилгарди Душанбе-Хоруғ, аз ҷумлаи корҳои масъулиятнок ва душвори идора ҳисоб мешуд. Се гурӯҳи ҷустуҷӯкунанда, ки бо мутахассисони беҳтарин таъмин шуда буданд, рӯзона кори ҷустуҷӯкунӣ ва трассагузориро иҷро мекарданду шабона материалҳои аз корзор гирифтаашонро муқоисаву таҳлил карда, бинокоронро дар сари вақт бо ҳуҷчатҳои техникӣ таъмин менамуданд.

Барои муваффақиятнок ва босифат гузаронидани корҳои ҷустуҷӯйкунию лоиҳакашӣ як гурӯҳ коркунони “Дорпроект” ба мукофотҳои ҳукуматӣ - медалу грамотаҳои фахрӣ тақдим кунонда шуданд.

Ҳаҷми корҳои лоиҳакашӣ-ҷустуҷӯкунӣ дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ хеле кам шуд. Дар идораи “Дорпроект” он вақт асосан занон кор мекарданд. Онҳо лиоҳаи роҳи автомобилгарди “Шаргунуголӣ”, “Тошкӯтануголӣ”, шахтаи Зидӣ ва ғайраро тартиб дода, ба бинокорон пешкаш менамуданд.

Дар солҳои баъдиҷангӣ ба муносибати дар мамлакатамон гузаронидани азнавсозии идоракунии саноат ва сохтмон “Дорпроект”-ро якҷанд сол аз тобеияти Вазорати нақлиёт ва хоҷагии рохсозӣ бароварда ҳамчун шӯъбаи махсусгардонидашуда ба ихтиёри институти лоиҳакашии “Таджикгипрострой” дода шуд. Ба зиммаи шӯъбаи роҳсозӣ ғайр аз роҳу пулҳои беруни шаҳрҳо боз балоиҳагирии кӯчаҳо, майдони аэродромҳо гузошта шуда буд, ки ин коллективи лоиҳакашонро хеле вақт аз кори асосиашон дур кард.

Моҳи июни соли 1962 институти мустақили лоиҳакашии “Таджикдорпроект” ташкил карда, ба Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳсозии ҷумҳурӣ тобеъ кунонида шуд. Инстиут вазифадор буд лоиҳаи роҳҳои автомобилгард, пулҳо ва дигар иншооти ба роҳсозӣ вобастаро дар ҳудуди ҷумҳурӣ кашад. Институт танҳо аз 4 шӯъба: ҷустуҷӯкунӣ ва лоиҳакашӣ, иншооти сунъӣ ва ҷорум шӯъбаи сметасозию хоҷагӣ-маъмурӣ иборат буд ва ҳамагӣ 103 нафар коргар дошт. Барномаи фаъолияти вай сол ба сол афзуд. Чунончӣ, соли 1968-414 ҳазор сӯмина корҳои лоиҳакашию сметасозиро иҷро кард, соли 1972 бошад, ин маблағ қариб 4 баробар зиёд шуда ба 1550 ҳазор сӯм расид.

Институти “Таджикдорпроект” дар зарфи 10 соли мвҷудияташ роҳҳои Панҷакент-Айнӣ, Чормағзак-Норак, Ғарм-Ҷиргатол, Ленинобод-Ӯротеппа, автомагистрали Шимол-Ҷануби ш. Душанбе ва Душанбе-Лоҳурро ба лоиҳа гирифт. Инчунин лоиҳаи азнавсозии минтақаҳои ҷудогонаи роҳҳои Душанбе-Панҷ, Душанбе-Кӯлоб, Душанбе -Термизро тартиб дода, асфалту бетонпӯш карданашро пешбинӣ намуд. Дар ин кор махсусан, сардори гурӯҳи лоиҳакашҳо Н.Я. Колачев, сармуҳандис М.П.Калинсева фаъолияти хуб нишон доданд.

Ҳоло таърихи якчанд пулҳоро, ки аз тарафи муҳандисони пажӯҳишгоҳи давлатии лоиҳакашии «Тоҷикгипротранстрой»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳакашӣ ва сохта шудаанд пешниҳод менамоем. Расмҳои зерин аз бойгонии Пажӯҳишгоҳи мазкур гирифта шудаанд [2].



*Расми 1 – Пули чӯбин дар қишлоқи Сарипул аз болои дарёи Сурхоб*

Пули чӯбин дар мавзеи Сарипул аз болои дарёи Сурхоб (расми1) аз тарафи устоҳои тоҷик сохта шуда буд. Барои он, ки пояҳои пул дар соҳилҳои дарё сохта нашавад, устоҳо пояҳои пулро ончунон месохтанд, ки равоқи сохтро кам кунанд.

Муҳандиси ИДЛ (институти давлатии лоиҳакашии) «Тоҷикгипротранстрой» Ворожсов якӯмин шуда ин пешниҳодро истифода бурда лоиҳакашӣ намуд ва аввал соли 1950 пули болои дарёи Сурхоб (расми 2) ва сипас соли 1959 дар роҳи Сталинобод-Ӯротеппа (ҳозира Душанбе - Чанок) аз болои дарёи Фон-дарё чунин пул сохта шуд, ки то солҳои ҷанги шаҳрвандӣ хизмат намуд. Ҳамчунин пул аз болои дарёи Зарафшон дар км 108 роҳи автомобилгарди Душанбе-Хуҷанд ва пули нав, ки дар бари ҳамин пул соли 2005 сохта шуд.



*Расми 2 – Пули болои дарёи Сурхоб бо лоиҳаи Ворҗсов сохташуда*

Пас аз Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ бо як машаққати зиёде, аз болорҳои дар ҷанг таркондашудаю вайронкардашуда, соли 1948 пул аз болои дарёи «Кизил-Су» дар наздикии деҳаи Қурбоншаҳид сохта шуд (расми 3. - рафти сохтмон), ки ин ҳам ба қалами Ворожсов тааллуқ дошт, ки дар «Дорпроект»-и Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҳоло «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотӣ ва лоиҳакашию кофтуковӣ»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон) фаъолият менамуд.

Соли 1951 бошад, муҳандис Ворожсов якҷоя бо гурӯҳи лоиҳакашони ИДЛ (Институти давлатии лоиҳакашӣ) «Тоҷикгипротранстрой» боз масъалаи техникии сохтмони иншоотҳои нақлиётии мураккабро ҳал намуданд. Чунин иншоот – пул аз болои дарёи Кофарниҳон дар Ордҷоникидзеобод (ҳозира ш. Ваҳдат) мебошад.



*Расми 3 – Рафти сохтмони пул аз болои дарёи «Қизил-Су»*

Чӣ хеле ки мебинед, барои сохтмони пул аз аркаҳо истифода бурда шуда аст, ки ҳоло чунин пулҳо дар давлатҳои мутараққикардаи ҷаҳон пас аз 40-50 сол сохта шудаанд. Аз ин бармеояд, ки муҳандисони ҳамонвақта то кадом андоза конструксияҳои беҳтаринро медонистанд ва лоиҳакашӣ менамуданд. Варианти 2 (сохта шуда) равоқи канорӣ (расми 4) ва мобайнӣ (расми 5) оварда шудааст, ки соли 1958 сохта ба истифода дода шуд.

Аввалин пули аз ҷиҳати техникӣ каму беш мувофиқ соли 1922 дар пайраҳаи Пули Сангини болои дарёи Вахш сохта шуда буд. Дар он давра бунёди чунин пул кори осон набуд. Вай иродаи матин ва ҷасоратро талаб мекард. Бинокорон баъзе рӯзҳо дар зери борони тири босмачиён кор мекарданд ва басо мешуд, ки белу зоғнӯлро як тараф монда, милтиқу шоф ба даст мегирифтанд [1].

Қисмҳои пулро одатан пешакӣ тайёр карда, онҳоро дар ҷояш пайваст менамуданд.



*Расми 4 – Пояҳои канории пул*



*Расми 5 – Равоқҳои мобайнӣ*

Сохтори равоқи ин пул аз блокҳои яклухти вазнашон 24т иборат аст, ки ба пояҳои кессонӣ такя менамоянд. Дар болои пояҳои пул тагқафасаҳои рафакдор мавҷуданд. Пул аз 6 равоқ иборат аст. Ба комплекси пул иншоотҳои регулятсионӣ дохил мешаванд. Дар пояҳои канории пул меъмории шарқ хуб инъикос ёфтааст (расми 4). Қайд кардан лозим аст, ки барои пиёдагардон низ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст, ки нақб барои пиёдагардон дар байни пулу роҳ сохта шудааст (расми 6).



*Расми 6 – Нақб барои пиёдагардон дар байни пулу роҳ*

Бояд қайд кард, ки то солҳои 1940-1950 дар дарёҳои калонтарини Тоҷикистон – Панҷ, Кофарниҳон, Зарафшон, Сирдарё ва ғайра, ки пулҳо набуданд, аз паром истифода бурда аз як соҳил ба соҳили дигари дарё бору бухча, аспу ароба ва одамонро мегузаронданд. Чунин паром аз дарёи Кофарниҳон дар наздикии ноҳияи Шаҳритуз низ мавҷуд буд (расми 7).

Гузаргоҳу паромҳое, ки ба ҷои пул хизмат мекарданд, муваққатӣ ва камэътимод буданд, чунки ҳастии онҳо ба каму зиёдшавии ҷараёни оби дарё вобаста буд.

Паромҳоро, ки аз як канор ба канори дигари дарё ба қувваи ҷараён сим баста мебурданд, баъзан бо кинояу “самолёт” меномиданд. Чунин паромҳо дар ҷумҳурӣ 13 адад буданд. Дар фаслҳои тирамоҳу зимистон, дар мавридҳои камобӣ онҳо кор намекарданд. Дар айёми серобӣ ҳодисаҳои канда шуда рафтани паронҳо ҳам рӯй медоданд.



*Расми 7 – Паром аз дарёи Кофарниҳон*

Дар дарёҳои нисбатан хурд ба воситаи гупсарҳо ба тарафи дигари дарё мегузаштанд (расми 8).



*Расми 8 – Сохти гупсар*

Аввалин пули автомобилгард соли 1929 дар дарёи Варзоб сохта шуд. Ин пули чӯбини ҳавоие буд, ки 5 метр дарозӣ дошт ва 6 тонна бор мебардошт. Солҳои 1933-1934 дар роҳи Душанбе-Ӯротеппа боз 4 адад ҳамин гуна пул бино карда шуд. Дар сохтмони ин пулҳо симҳои пӯлодин, барои пояю истеҳкомҳо оҳанубетон истифода бурда шуданд. Он замон чунин пулҳо намунавӣ ҳисоб меёфтанд. Вале баъдтар онҳо ҳам ба талаби шароити нав мувофиқ нашуда монданд ва бо пулҳои оҳанубетонӣ ивазкарда шуданд.

1-уми маи соли 1935 барои роҳсозони Тоҷикистон боз як воқеаи фаромӯшнашаванда шуд. Он рӯз сохтмони калонтарин пули оҳанубетонӣ дар дарёи Вахш ба охир расид. Ин аз ҷиҳати техникӣ кори душвор буд. Амалан ду пул бино карда шуд: аввал пули муваққатии чӯбин дар тунукобии дарё сохта шуд. Аз болои ин пул бо роҳи оҳан машинаи дизелу болғадор гузашта, дар ҷараёни сангдори Вахш пояҳои оҳанубетонӣ шинонд.

Бинокорон бо рӯҳбаландии бузург кор карданд. Чароғи электрикӣ ва прожекторҳои пуриқтидор шабона мавзеи бинокориро чун рӯз равшан мекарданд. Кор шабона ҳам қатъ намегардид.

Пулсозӣ дар Тоҷикистон ривоҷу такмил ёфт. Яке аз навигариҳои он давра пулҳои ватанӣ буданд. Соли 1940 бинои пули ватании калонтарин дар Иттифоқи Советӣ дар дарёи Сурхоб анҷом ёфт. Зебоии ин пул, ки дар маҳалли кӯҳии дур аз марказ бино шудааст, ҳоло ҳам бинандаро ба ҳайрат меорад. Вале пул азбаски ба гузаронидани борҳои вазнин қодир набуд, соли 1967 аз нав сохта шуд: пояю истеҳкомҳояшро бо воситаҳои металлӣ ва оҳанубетон мустаҳкам карданд.

Ҳоло дар ҳамон мавзеъ бо лоиҳаи муҳандиси варзида Вавилова С.А. пули оҳанини 8 равоқа сохта шудааст, ки қафасаҳояш оҳанин буда – дар сехи «Минтрасдорхоз» тайёр карда шудаанд. Тахтасанги оҳанубетонӣ ва пояи канории пули мазкур дар расми 9 оварда шудааст.



*Расми 9 – Тахтасанги оҳанубетонӣ ва пояи канории пул*

Аввалин пули оҳанубетонӣ соли 1949 дар мавзеъи хушманзари Варзоб дар км 28 роҳи Сталинобод-Уротеппа (ҳозира Душанбе - Чанок) бо лоиҳаи Вавилова С.А сохта шудааст (расми 10).



*Расми 10 – Пул дар км 28 роҳи Сталинобод-Уротеппа (ҳозира Душанбе - Чанок)*

Соли 1951 пул аз болои канали Ҷӯйбор дар шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) сохта шуд, ки лоиҳаи он ба Вавилова С.А. тааллуқ дошт (расми 11). Чӣ хеле, ки мебинед, пул намуди меъмории хубро доро мебошад.

Конструксияи ин пул аз болори консолӣ бо консолҳои буришашон пурра иборат аст.



*Расми 11 – Пул аз болои канали Ҷӯйбор дар шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар)*

Дарёи «Душанбе», ки аз байни шаҳри Душанбе обаш ҷорӣ мешавад, то соли 1958 дар болояш пулҳои чӯбине мавҷуд буданд, ки паҳноии хурд дошт ва танҳо як автомобил меғунҷид (расми 12).



*Расми 12 – Пули чӯбин аз болои дарёи «Душанбе»*

Яке аз пулҳои аввалин дар пойтахти Тоҷикистони азизамон – шаҳри Душанбе –аз рӯи лоиҳаи муҳандис Бистриский - «Дорпроект» - аз болои дарёи «Душанбе» соли 1940 сохта шудааст (расми13).



*Расми 13 – Яке аз пулҳои аввалин дар шаҳри Душанбе*

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар айни замон дар роҳҳои ҷумҳурӣ сохтмони пулҳои аркагӣ, ки аз ҷиҳати борбардориашон нисбат ба дигар намуд пулҳо бартарӣ доранд, сохта шуда истодаанд.

Муаллиф дар қисматиояндаи мақола кӯшиш менамояд, ки аз дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ дар соҳаи пулсозӣ мавод пешниҳод намояд.

**Хулоса**

1. Лоиҳакашии роҳҳои автомобилгард ба сохтмони он алоқаи зич дорад. Вай ба андозаи афзоиши талаботи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба роҳҳои васеу ободи тадриҷан инкишофу такмил ёфт.

2. Дар сохтмони пулҳо симҳои пӯлодин, барои пояю истеҳкомҳо оҳанубетон истифода бурда шуданд. Он замон чунин пулҳо намунавӣ ҳисоб меёфтанд. Вале баъдтар онҳо ҳам ба талаби шароити нав мувофиқ нашуда монданд ва бо пулҳои оҳанубетонӣ ивазкарда шуданд.

## Адабиёт


1. А.И.Исмоилов, А.В. Сусепин. Нақлиёт ва роҳҳои кишвари кӯҳӣ. Нашриёти “ИРФОН”, Душанбе 1974. 54 саҳ.

2. Нуманов О.Р. Лоиҳакашии иншоотҳои нақлиётӣ. Дастури таълимӣ. Қисми 1. Асосҳои лоиҳакашии иншоотҳои нақлиётӣ. ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ. Душанбе 2015 с. 228 саҳ.

3. Нуманов О.Р. Лоиҳакашии кӯпрукҳо. Васоити таълимӣ. ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ. Душанбе 2023 с. 220 саҳ.


**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ-СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ-INFORMATION ABOUT AUTHOR**


| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Нуманов Олим Раҳимович | Нуманов Олим Рахимович | Numanov Olim Rahimovich |
| н.и.т, дотсент | к.т.н., доцент | Candidate of Technical Sciencts, Associate Professor |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикисон ба номи академик М.С. Осимӣ | Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими | Tajik technical university named after academician M.S. Osimi |
| E-mail: nor5@mail.ru | | |

# К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

Приложение 1
к Положению о научном журнале
"Политехнический вестник"

## ТРЕБОВАНИЯ И УСЛОВИЯ ПРЕДОСТАВЛЕНИЯ
### статей в журнал "Политехнический вестник"

1. В журнале публикуются статьи научно-практического и проблемного характера, представляющие собой результаты завершенных исследований, обладающие научной новизной и представляющие интерес для широкого круга читателей журнала.
2. Основные требования к статьям, представляемым для публикации в журнале:
- статья (за исключением обзоров) должна содержать новые научные результаты;
- статья должна соответствовать тематике и научному уровню журнала;
- статья должна быть оформлена в полном соответствии с требованиями к оформлению статей (см. пункт 5).
3. Статья представляется в редакцию по электронной почте и в одном экземпляре на бумаге, к которому необходимо приложить электронный носитель текста, идентичного напечатанному, а также две рецензии на статью и справку о результате проверки на оригинальность.
4. Структура статьи

Текст статьи должен быть представлен в формате IMRAD[4] на таджикском, английском или русском языке:

| | |
|---|---|
| **ВВЕДЕНИЕ (Introduction)** | Почему проведено исследование? Что было исследовано, или цель исследования, какие гипотезы проверены? Включает: актуальность темы исследования, обзор литературы по теме исследования, постановку проблемы исследования, формулирование цели и задач исследования. |
| **МАТЕРИАЛЫ И МЕТОДЫ ИССЛЕДОВАНИЯ** (MATERIALS AND METHODS) | Когда, где и как были проведены исследования? Какие материалы были использованы или кто был включен в выборку? Детально описывают методы и схему экспериментов/наблюдений, позволяющие воспроизвести их результаты, пользуясь только текстом статьи. Описывают материалы, приборы, оборудование и другие условия проведения экспериментов/наблюдений. |
| **РЕЗУЛЬТАТЫ (RESULTS)** | Какой ответ был найден. Верно ли была протестирована гипотеза? Представляют фактические результаты исследования (текст, таблицы, графики, диаграммы, уравнения, фотографии, рисунки). |
| **ОБСУЖДЕНИЕ** (DISCUSSION) | Что подразумевает ответ и почему это имеет значение? Как это вписывается в то, что нашли другие исследователи? Каковы перспективы для будущих исследований? Содержит интерпретацию полученных результатов исследования, включая: соответствие полученных результатов гипотезе исследования; ограничения исследования и обобщения его результатов; предложения по практическому применению; предложения по направлению будущих исследований. |
| **ЗАКЛЮЧЕНИЕ** (CONCLUSION) | Содержит краткие итоги разделов статьи без повторения формулировок, приведенных в них. |
| **БИБЛИОГРАФИЧЕСКИЙ СПИСОК** (REFERENCES) | СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ (см. п.3). |
| **СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ** (AUTHORS' BACKGROUND) | оформляется в конце статьи в следующем виде: |

[4] Данный термин составлен из первых букв английских слов: Introduction (Введение), Materials and Methods (Материалы и методы), Results (Результаты) Acknowledgements and Discussion (Обсуждение). Это самый распространенный стиль оформления научных статей, в том числе для журналов Scopus и Web of Science.

| | TJ | RU | EN |
|---|---|---|---|
| Ному насаб, ФИО, Name | | | |
| Дараҷа ва унвони илмӣ, Степень и должность, Title[5] | | | |
| Ташкилот, Организация, Organization | | | |
| e-mail | | | |
| ORCID[6] Id | | | |
| Телефон | | | |

| | |
|---|---|
| **КОНФЛИКТ ИНТЕРЕСОВ** (CONFLICT OF INTEREST) | Конфликт интересов — это любые отношения или сферы интересов, которые могли бы прямо или косвенно повлиять на вашу работу или сделать её предвзятой.<br>Пример:<br>1. Конфликт интересов: Автор X.X.X. Владеет акциями Компании Y, которая упомянута в статье. Автор Y.Y.Y. – член комитета XXXX.<br>2. Если конфликта интересов нет, авторы должны заявить: Авторы заявляют, что у них нет конфликта интересов.<br>Все авторы прочитали и одобрили окончательный вариант рукописи |
| **ЗАЯВЛЕННЫЙ ВКЛАД АВТОРОВ** (AUTHOR CONTRIBUTIONS). | Публикуется для определения вклада каждого автора в исследование. Описание, как именно каждый автор участвовал в работе (предпочтительно), или сообщение о вкладах авторов в процентах или долях (менее желательно).<br>Пример данного раздела:<br>1. Авторы A1, A2 и A3 придумали и разработали эксперимент, авторы A4 и A5 провели теоретические исследование. Авторы A1 и A6 участвовали в обработке данных. Авторы A1, A2 и A5 участвовали в написании текста статьи. Все авторы участвовали в обсуждении результатов.<br>2. Все авторы сделали эквивалентный вклад в подготовку публикации |
| ДОПОЛНИТЕЛЬНО (по желанию автора) | |
| **БЛАГОДАРНОСТИ** (опционально) - ACKNOWLEDGEMENT (optional) | Если авторы в конце статьи выражают благодарность или указывают источник финансовой поддержки при выполнении научной работы, то необходимо эту информацию продублировать на английском языке. |
| **ФИНАНСИРОВАНИЕ РАБОТЫ** (FUNDING) | Информация о грантах и любой другой финансовой поддержке исследований. Просим не использовать в этом разделе сокращенные названия институтов и спонсирующих организаций. |
| **ДОПОЛНИТЕЛЬНАЯ ИНФОРМАЦИЯ** (ADDITIONAL INFORMATION) | В этом разделе могут быть помещены:<br>Нестандартные ссылки. Например, материалы, которые по каким-то причинам не могут быть опубликованы, но могут быть предоставлены авторами по запросу. Дополнительные ссылки на профили авторов (например, ORCID). Названия торговых марок на иностранных языках, которые необходимы для понимания статьи или ссылки на них.<br>Особые сообщения об источнике оригинала статьи (если статья публикуется в переводе).<br>Информация о связанных со статьей, но не опубликованных ранее докладов на конференциях и семинарах. |

5. Требования к оформлению статей

[5] Title can be chosen from: master student, Phd candidate, assistant professor, senior lecture, associate professor, full professor

[6] ORCID или Open Researcher and Contributor ID (Открытый идентификатор исследователя и участника) — незапатентованный буквенно-цифровой код, который однозначно идентифицирует научных авторов. www.orcid.org.

Рекомендуемый объем оригинальной статьи – до 10 страниц, обзора – до 15 страниц, включая рисунки, таблицы, библиографический список. В рубрику «Краткие сообщения» принимаются статьи объемом не более 3 страниц, включая 1 таблицу и 2 рисунка.

Рекомендации по набору и оформлению текста

| Наименование | Требования | Примечания |
|---|---|---|
| Формат страницы | A4 | |
| Параметры страницы и абзаца | отступы сверху и снизу - 2.5 см; слева и справа - 2 см; табуляция - 2 см; | ориентация - книжная |
| Редактор текста | Microsoft Office Word | |
| Шрифт | Times New Roman, 12 пунктов | |
| межстрочный интервал | Одинарный, выравнивание по ширине | Не использовать более одного пробела между словами, пробелы для выравнивания, автоматический запрет переносов, подчеркивания. |
| Единица измерения | Международная система единиц СИ | |
| Сокращения терминов и названий | В соответствии с ГОСТ 7.12-93. | должны быть сведены к минимуму |
| Формулы | Математические формулы следует набирать в формульном редакторе MathTypes Equation или MS Equation, греческие и русские буквы в формулах набирать прямым шрифтом (опция текст), латинские курсивом. Формулы и уравнения печатаются с новой строки и центрируются. | Обозначения величин и простые формулы в тексте и таблицах набирать как элементы текста (а не как объекты формульного редактора). Нумеровать следует только те формулы, на которые есть ссылки в последующем изложении. Нумерация формул сквозная. Повторение одних и тех же данных в тексте, таблицах и рисунках недопустимо |
| Таблицы | При создании таблиц рекомендуется использовать возможности MS Word (Таблица – Добавить таблицу) или MS Excel. Таблицы должны иметь порядковые номера, название и ссылку в тексте. Таблицу следует располагать в тексте после первого упоминания о ней. Интервал между строчками в таблице можно уменьшать до одинарного, размер шрифта – до 9 пунктов. | Внутри таблицы заголовки пишутся с заглавной буквы, подзаголовки – со строчной, если они составляют одно предложение с заголовком. Заголовки центрируются. Боковые – по центру или слева. Диагональное деление ячеек не рекомендуется. В пустой ячейке обязателен прочерк (тире –). Количество знаков после запятой (точность измерения) должно быть одинаковым. |
| Рисунки (иллюстрации, графики, диаграммы, схемы) | Должны иметь сквозную нумерацию, название и ссылку в тексте, которую следует располагать в тексте после первого упоминания о рисунке. Рисунки должны иметь расширение, совместимое с MS Word (*JPEG, *BIF, *TIFF (толщина линий не менее 3 пкс) Фотографии должны быть предельно четкими, с разрешением 300 dpi. Максимальный размер рисунка: ширина 150 мм, высота 245 мм. Каждый рисунок должен иметь подрисуночную подпись, в которой дается объяснение всех его элементов. Кривые на рисунках нумеруются арабскими цифрами и комментируются в подписях к рисункам. | Заголовки таблиц и подрисуночные подписи должны быть по возможности лаконичными, а также точно отражающими смысл содержания таблиц и рисунков. Все буквенные обозначения на рисунках необходимо пояснить в основном или подрисуночном текстах. Все надписи на рисунках (наименования осей, цифры на осях, значки точек и комментарии к ним и проч.) должны быть выполнены достаточно крупно, одинаковым шрифтом, чтобы они легко читались при воспроизведении на печати. Наименования осей, единицы измерения физических величин и прочие надписи должны быть выполнены на русском языке. Не допускается наличие рамок вокруг и внутри графиков и диаграмм Каждый график, диаграмма или схема вставляется в текст как объект MS Excel. |

Рукопись должна быть построена следующим образом:

| Раздел | Содержание (пример) | Расположение |
|---|---|---|
| Индекс УДК[7] | **УДК 62.214.4; 621.791.05** | в верхнем левом углу полужирными буквами |
| Заголовок | **НАЗВАНИЕ СТАТЬИ (должен быть информативным и, по возможности, кратким)** (на языке оригинала статьи) | В центре полужирными буквами |
| Авторы | **Инициалы и фамилии авторов** (на языке оригинала статьи) | В центре полужирными буквами |
| Организация | **Таджикский технический университет имени академика М.С.Осими** | В центре полужирными буквами |
| Реферат (аннотация) | Должен быть информативным и на языке оригинала статьи (таджикском, русском и английском), содержать 800-1200 печатных знаков (120-200 слов).<br>Структура реферата: Введение. Материалы и методы исследования. Результаты исследования. Заключение. | Выровнять по ширине |
| Ключевые слова | 5-6, разделены между собой « , ».<br>(на языке оригинала статьи)<br>Пример: энергосбережение, производство корунда, глинозем, энергопотребление, оптимизация | Выровнять по ширине |
| На двух других языках приводится:<br>Заголовок<br>Авторы<br>Организация<br>Реферат (аннотация) | перевод названия статьи, авторов[8], организации[9], заголовки и реферат[10] и ключевые слова[11] на двух других языках | |
| Статья согласно структуры | Согласно требованиям пункта 4 требования и условия предоставления статей в журнал "Политехнический вестник" | Выровнять по ширине |

К статье прилагается (см. http://vp-es.ttu.tj/):

1. Сопроводительное письмо (приложение 1А).
2. Авторское заявление (приложение 1Б).
3. Лицензионный договор (приложение 1В).
4. Экспертное заключение о возможности опубликования статьи в открытой печати (приложение 1Г).
5. Рецензия (приложение 1Д).

[7] Универса́льная десяти́чная классифика́ция (УДК) — система классификации информации, широко используется во всём мире для систематизации произведений науки, литературы и искусства, периодической печати, различных видов документов и организации картотек. Межгосударственный стандарт ГОСТ 7.90—2007. Пример: https://www.teacode.com/online/udc/

[8] В английском переводе фамилии авторов статей представляются согласно системе транслитерации BSI (British Standard Institute). Стандарт BSI обычно применяется в случае, когда требуется корректная транслитерация букв, слов и предложений из кириллического алфавита в латинский в случае оформления библиографических списков с официальным статусом. Им пользуются для того, чтобы попасть в зарубежные базы данных.

[9] Название организации в английском переводе должно соответствовать официальному, указанному на сайте организации. Непереводимые на английский язык наименования организаций даются в транслитерированном варианте.

[10] Необходимо использовать правила написания организаций на английском языке: все значимые слова (кроме артиклей и предлогов) должны начинаться с прописной буквы. Совершенно не допускается написание одних смысловых слов с прописной буквы, других – со строчной.

[11] В английском переводе ключевых слов не должно быть никаких транслитераций с русского языка, кроме непереводимых названий собственных имен, приборов и др. объектов, имеющих собственные названия; также не должен использоваться непереводимый сленг, известный только ограниченному кругу специалистов.

| | |
|---|---|
| **Муҳаррири матни русӣ:** | **М.М. Яқубова** |
| **Муҳаррири матни тоҷикӣ:** | **Муаллифон** |
| **Муҳаррири матни англисӣ:** | **Муаллифон** |
| **Ороиши компютерӣ ва тарроҳӣ:** | **М.А. Иззатуллоев** |

| | |
|---|---|
| **Редактор русского текста:** | **М.М. Якубова** |
| **Редактор таджикского текста:** | **Авторская редакция** |
| **Редактор английского текста:** | **Авторская редакция** |
| **Компьютерный дизайн и верстка:** | **М.А. Иззатуллоев** |

**Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10$^{A}$**
**Адрес: г. Душанбе, проспект акад. Раджабовых, 10$^{A}$**

Ба чоп 25.03.2024 имзо шуд. Ба матбаа 28.03.2024 супорида шуд.
Чопи офсетӣ. Коғази офсет. Андозаи 60x84 1/8
**Адади нашр 50 нусха.**

**Матбааи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**
**ш. Душанбе, кӯчаи акад. Раҷабовҳо, 10**